# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –забони тоҷикӣ**

Тадқиқоти илмие, ки донишмандону олимони бузург ва устодони фозил перомуни масоили хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ, сарфу наҳв, услуби нигориши осори адибони давраҳои гуногуни адабиёти тоҷику форс кардаанд, сарчашмаи илҳоми муҳаққиқони минбаъда гардидааст. Бо истифода аз назару ақидаҳои илмии онҳо рӯ овардан ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни забон ва осори адибон ва дар ин замина нишон додани таҳаввулоти луғавӣ, сарфиву наҳвӣ, услубиёти забон мавзӯи муҳимми илмӣ мебошад. Ҳамчунин баррасии паҳлуҳои мухталифи забон дар ҳама давраҳо ҷиҳати нишон додани ташаккули таърихии ҳодисаҳои гуногуни забонӣ, аз ҷумла хусусиятҳои луғавӣ ба инкишофи забон мусоидат мекунад. Аз ин ҷост, ки пажӯҳиш дар мавзӯи зикргардида саривақтӣ буда, аз чанд ҷиҳат мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар фишурда доир ба масоили мубрам будани мавзӯъ, аҳаммияти илмию назариявӣ, дараҷаи пажӯҳиши мавзӯъ, манбаи тадқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, навгонӣ ва ғайра ба таври мушаххас баён шудааст. Мақсади муаллиф дар муқаддима ва се боби кор баён гардида, муаллиф онро дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст.

Аз фишурдаи рисола маълум аст, ки масоили назариявии марбут ба мавзӯъ пурра омӯхта шудааст ва бо интихоби дурусти усули таҳлил, таҳқиқу арзёбии яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ бахшида шудааст.

Мубрамияти пажӯҳиш дар он аст, ки аввалин маротиба хусусиятҳои луғавию грамматикии феъл дар асари таърихии Абубакри Наршахӣ баррасӣ мегардад. Тадқиқоти мазкур барои муҳаққиқони ояндаи илми забоншиносӣ маводи хуби илмӣ буда метавонад.

Натиҷа ва хулосаҳои пажӯҳиш низ эътимодбахш буда, манобеи илмӣ ва назарии ба мавзӯи рисола иртиботдошта мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онҳо дар феҳрасти адабиёт бо риояи тартиби алифбо зикр гардидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо бояд зикр кард, ки дар автореферат баъзе камбуд ва ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо танҳо ба хотири беҳбудии сифати кор аст:

1. Дар кори илмӣ пайи ҳам иқтибосҳоро овардан, кори шоиста нест. Чунин ҳолат дар зерфасли аввали боби аввал (с.9) ба чашм расид.

2. Ба замми он ки маводи ҷамъоварда зиёд аст, дар ду зерфасл (дар саҳифаҳои 11, 14) як мисол (Об бисёр меомад ва гили бисёр меоварда) оварда шудааст.

3. Баъзан калимаву мафҳумҳои овардаи муҳаққиқ ба мисли феълҳои ҷаълӣ (с.14), ҷузъи ҳамкард (с.15), севумшахс (с.17), тиквожа (с.19), феълҳои боқоида, феълҳои беқоида (с.18, 19) гарчанде дар забони форсӣ роиҷ бошанд ҳам, дар забони тоҷикӣ маъмул нестанд. Хуб мебуд бо истилоҳҳои маъмули забони тоҷикӣ оварда мешуданд.

4. Дар саҳифаи 19 аз Рудигер Шмит иқтибос меорад, вале дар қавсайн ба Ҳасан Анварӣ ишора мекунад. Ба ин монанд дар саҳифаи 9 аз Б.А. Илиш иқтибос меорад, аммо мувофиқи рӯйхати адабиёт ин иқтибос ба китоби "Забони адабии ҳозираи тоҷик" мувофиқат мекунад.

5. Дар сарсатри сеюми саҳифаи 21 ҷумлаи "Дар асоси маводи ..." услубан ғалат аст. Ҳамчунин дар сарсатри дуюми саҳифаи 18 барғалат "Зерфасли аввали боби севуми боби охир" рафтааст.

Ин камбудҳо қимати илмии рисоларо кам намекунанд ва ислоҳшавандаанд.

Рисола дар таҳқиқи бахши сарфи забони тоҷикӣ, дарсҳои курси махсуси донишҷӯёни риштаи филология, ҳамчунин барои муҳаққиқон чун воситаи таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо кӯмак мерасонад. Фишурдаи рисола ва мақолаҳое, ки унвонҷӯ чоп кардааст, ба талабот мувофиқанд.

Фишурдаи рисолаи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ» кори анҷомёфта буда, ба талаботи рисоланависӣ, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дорад, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –забони тоҷикӣ мебошад.

Мудири кафедари забони
тоҷикӣ ва усули таълими
забон ва адабиёти тоҷики
факултети филологияи
ДМТ, дотсент Н. Каримов

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев